МЕРОСИ ХАЛҚАМОНРО ОМӮЗЕМ

*«Комсомоли Тоҷикистон»,*
№ 8 (4475),
*чоршанбе, 19 январи 1966, саҳ. 3*

## «САФАРНОМА» АСАРИ АДАБӢ НЕСТ?

Абумуиниддин Носир Хусрави Қубодиёнӣ ҳамчун шоири забардаст ва файласуфи хирадманди асри XI тоҷик маълуму машҳур аст. Қасидаҳои мутафаккирона, ашъори андешазою маснавиҳои пандомези ин шоири ҳассос ба ӯ шӯҳрати басазои ҷаҳонӣ овардаанд.

Носири Хусрав олими донишманде низ ҳисоб меёбад, ки аз мероси илмии ӯ ҳоло "Ҷомеъ-ул-ҳикматайн", «Рисола дар ҷавоби наваду як саволи фалсафию мантиқӣ ва табиию наҳвӣ...» ва ғ. маълуманд. Мутаассифона, осори Носири Хусрав умуман ва асарҳои илмии ӯ махсусан ба андозаи қаноатбахш омухта нашудааст.

«Сафарнома» аз ҷумлаи машҳуртарин асарҳои насрии Носири Хусрав мебошад, ки он ба бисёр забонҳои халқҳои Иттифоқи Советӣ ва забонҳои машҳури хориҷӣ тарҷима ва чоп шудааст. Ин асар ба аҳамияти калони илмии таърихӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ соҳиб буда, барои тадқиқи ҳодисаҳои сиёсии асри XI, вазъияти иқтисодӣ ва ҷуғрофии кишварҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон, мамлакатҳои араб ва омухтани тарзи зиндагӣ ва расму ойини халқҳои гуногун маълумоти пурбаҳои илмӣ медиҳад.

Баъзе адабиётшиносон «Сафарнома»-ро асари соф илмӣ шумурда, онро аз қатори асарҳои бадеӣ хориҷ менамоянд, ки ба ин фикр ҳамроҳ шудан номумкин аст.

Масалан, олими маъруфи Эрон Муҳаммадтақии Баҳор дар ҷилди дуйуми «Сабкшиносӣ» ном асари худ чунин навиштааст:

««Сафарнома» китобест илмӣ ва наметавон онро дар шумури кутуби адабӣ, монанди «Таърихи Байҳақӣ» ва «Сиёсатнома»-ву «Қобуснома» даровард» (саҳ. 158).

Ба ин фикр пурра розӣ шудан душвор аст, зеро «Сафарнома» ба замми қимати илмӣ доштанаш арзиши зиёди адабии бадеиро низ молик мебошад. Аҳамияти адабию бадеии «Сафарнома» иборат аз он аст, ки дар он бисёр лаҳзаҳои бадеӣ мавҷуд буда, чандин ҳодисаҳои адабӣ нақл карда шудаанд. Дар ин хусус ба хотир овардани танҳо манзараи баҳси Қатрони Табрезӣ дар бораи шеърҳои Рӯдакию Мунҷик ва ё тасвири ҳолати гармобаи Басра кифоят аст.

Дар ин асари Носири Хусрав бисёр лаҳзаҳои ҳаяҷонбахш дида мешаванд, ки нависанда ин ё он мазмуни диққатҷалбкунандаро бо воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ хеле хуб ифода намудааст.

Дар ҷойҳои даркории «Сафарнома» барои барҷастаю таъсирбахш ифода намудани фикр ташбеҳ, маҷоз, такрор, саҷъ, тавсиф барин санъатҳои зиёди бадеӣ кор фармуда шудаанд. Масалан: «Ва ин фасл бад-он овардам, ки мардум бидонанд, ки ба шиддате, ки аз рӯзгор пеш ояд, набояд нолид... Қиёс кунад, ки маро аҳлият чист, то чун ба хидмати у ҳозир шавам, хиҷолат набарам».

Дар мисолҳои зикршуда калимаҳои «ояд» ва «набояд», «шавам» ва «набарам» бо ҳамдигар ҳамоҳанг буда, санъати бадеии саҷъро ташкил додаанд.

Фикри олими дигари Эрон Бадеуззамон дар бораи мавҷуд набудани саҷъ дар «Сафарнома» қобили қабул шуда наметавонад. «Ва дар ҷумлабандии он низ, менависад Бадеуззамон, такаллуфоти муншиёна ва саҷъ ҳеҷ гуна дида намешавад». Қисми аввали сухани Бадеуззамон дар бораи дур будани «Сафарнома» аз такаллуфот ба ҳақиқат мувофиқати куллӣ мекунад, зеро дар он такаллуф, калимаю ибораҳои душворфаҳми арабӣ, муболиған иғроқ, ки аз охирҳои асри XII сар карда, дар асарҳои мансур ва алалхусус дар таърихнависӣ

расм шуда буд, дида намешавад. Аммо нимаи дуюми сухани ӯ дар бораи «набудани ҳеҷ гуна саҷъ» дар «Сафарнома» ба назар муболиға менамояд, чунки ин санъати бадеӣ дар асари мазкур каму беш кор фармуда шудааст.

Аммо саҷъҳои Носири Хусрав аз насри мусаҷҷаи ҳамзамонҳои нависанда - Абдулҳасани Усмон, Абдулло Ансорӣ бо табиию соддагии худ фарқ мекунад. Носири Хусрав монанди ин нависандагон ба кор фармудани саҷъҳои пай дар паю мураккаб ва ибораороию суханпардозӣ аҳамият надода, балки диққати асосиро ба ифодаи фикру мазмун ва ғояи аслӣ равона мекунад, ки бинобар ин саҷъҳо аҳёнан ва хеле табиӣ истеъмол мешаванд. Саҷъҳои «Сафарнома» ба мисли порчаҳои мусаҷҷаъи «Қобуснома»-и Кайковус, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Таърихи Балъамӣ» (тарҷимаи «Таърихи Табарӣ») ва ғ. чунон соддаанд, ки ҳатто хонанда саҷъ будани онро пай ҳам намебарад.

Ба ҳамин тариқ, «Сафарнома»-и Носири Хусравро танҳо асари илмӣ шумурдан ва онро аз ҷумлаи асарҳои адабии бадеӣ хориҷ намудан ба ҳақиқат мувофиқат намекунад. Тадқиқу чопи ин асари шавқовару дилписанд басо зарур аст, чунки он аз як тараф манбаи муҳимми илмӣ бошад, аз тарафи дигар, имрӯз ҳам ба хонандагони тоҷик завқи баланди эстетикӣ мебахшад.

**Раҳими ҚУБОДИЕНӢ,**
**аспиранти**
**Университети давлатии Тоҷикистон**
**ба номи В.И. Ленин**

МЕРОСИ ХАЛҚАМОНРО ОМӮЗЕМ

# «САФАРНОМА» АСАРИ АДАБӢ НЕСТ?

Абӯмуиниддин Носир Хусрави Қубодиёнӣ ҳамчун шоири забардаст ва файласуфи хирадманди асри XI тоҷик маълуму машҳур аст. Қасидаҳои мутафаккирона, ашъори андешазою маснавиҳои пандомези ин шоири ҳассос ба ӯ шӯҳрати басазои ҷаҳонӣ овардаанд.

Носири Хусрав олими донишманде низ ҳисоб меёбад, ки аз мероси илмии ӯ ҳоло «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн», «Рисола дар ҷавоби наваду як саволи фалсафию мантиқӣ ва табиию наҳвӣ...» ва ғайра маълуманд. Мутаассифона, осори Носири Хусрав умуман ва асарҳои илмии ӯ махсусан ба андозаи қаноатбахш омӯхта нашудааст.

«Сафарнома» аз ҷумлаи машҳуртарин асарҳои насрии Носири Хусрав мебошад, ки он ба бисьёр забонҳои халқҳои Иттифоқи Советӣ ва забонҳои машҳури хориҷӣ тарҷима ва чоп шудааст. Ин асар ба аҳамияти калони илмии таърихӣ, ҷуғрофӣ, этнографӣ соҳиб буда, барои тадқиқи ҳодисаҳои сиёсии асри XI, вазъияти иқтисодӣ ва ҷуғрофии кишварҳои Осиёи Миёна, Афғонистон, Эрон, мамлакатҳои араб ва омӯхтани тарзи зиндагӣ ва расму оини халқҳои гуногун маълумотҳои пурбаҳои илмӣ медиҳад.

Баъзе адабиётшиносон «Сафарнома»-ро асари соф илмӣ шумурда, онро аз қатори асарҳои бадеӣ хориҷ менамоянд, ки ба ин фикр ҳамроҳ шудан номумкин аст. Масалан, олими маъруфи Эрон Муҳаммадтақии Баҳор дар ҷилди дуюми «Сабкшиносӣ» ном асари худ чунин навиштааст: «Сафарнома» — китобест илмӣ ва наметавон онро дар шумури кутуби адабӣ, монанди «Таърихи Байҳақӣ» ва «Сиёсатнома»-ву «Қобуснома» даровард» (саҳ. 158).

Ба ин фикр пурра розӣ шудан душвор аст, зеро «Сафарнома» ба замми қимати илмӣ доштанаш арзиши зиёди адабии бадеиро низ молик мебошад. Аҳамияти адабии бадеии «Сафарнома» иборат аз он аст, ки дар он бисьёр лаҳзаҳои бадеӣ мавҷуд буда, чандин ҳодисаҳои адабӣ нақл карда шудаанд. Дар ин хусус ба хотир овардани танҳо манзараи баҳси Қатрони Табрезӣ дар бораи шеърҳои Рӯдакию Мунҷик ва ё тасвири ҳолати гармобаи Басра кифоят аст.

Дар ин асари Носири Хусрав бисьёр лаҳзаҳои ҳаяҷонбахш дида мешаванд, ки нависанда ин ё он мазмуни диққатҷалбкунандаро бо воситаҳои гуногуни тасвири бадеӣ хеле хуб ифода намудааст. Дар ҷойҳои даркории «Сафарнома» барои барҷастаю таъсирбахш ифода намудани фикр ташбеҳ, маҷоз, такрор, саҷъ, тавсиф барин санъатҳои зиёди бадеӣ кор фармуда шудаанд. Масалан: «Ва ин фасл бад-он овардам, ки мардум бидонанд, ки ба шиддате, ки аз рӯзгор пеш ояд, набояд нолид... Қиёс кунад, ки маро аҳлият чист, то чун ба хидмати ӯ ҳозир шавам, хиҷолат набарам».

Дар мисолҳои зикршуда калимаҳои «ояд» ва «набояд», «шавам» ва «набарам» бо ҳамдигар ҳамоҳанг буда, санъати бадеии саҷъро ташкил додаанд.

Фикри олими дигари Эрон — Бадеуззамон дар бораи мавҷуд набудани саҷъ дар «Сафарнома» қобили қабул шуда наметавонад. «Ва дар ҷумлабандии он низ, — менависад Бадеуззамон, — такаллуфоти муншиёна ва саҷъ ҳеҷ гуна дида намешавад». Қисми аввали сухани Бадеуззамон — дар бораи дур будани «Сафарнома» аз такаллуфот ба ҳақиқат мувофиқати куллӣ мекунад, зеро дар он такаллуф, калимаю ибораҳои душворфаҳми арабӣ, муболиғаи иғроқ, ки аз охирҳои асри XII сар карда, дар асарҳои мансур ва алалхусус дар таърихнависӣ расм шуда буд, дида намешавад. Аммо нимаи дуюми сухани ӯ — дар бораи «набудани ҳеҷ гуна саҷъ» дар «Сафарнома» ба назар муболиға менамояд, чунки ин санъати бадеӣ дар асари мазкур каму беш кор фармуда шудааст.

Аммо саҷъҳои Носири Хусрав аз насри мусаҷҷаи ҳамзамонҳои нависанда — Абдулҳасани Усмон, Абдулло Ансорӣ бо табиию соддагии худ фарқ мекунад. Носири Хусрав монанди ин нависандагон ба кор фармудани саҷъҳои пай дар паю мураккаб ва ибораоронию суханпардозӣ аҳамият надода, балки диққати асосиро ба ифодаи фикру мазмун ва ғояи аслӣ равона мекунад, ки бинобар ин саҷъҳо аҳьёнан ва хеле табиӣ истеъмол мешаванд. Саҷъҳои «Сафарнома» ба мисли порчаҳои мусаҷҷаи «Қобуснома»-и Кайковус, «Сиёсатнома»-и Низомулмулк, «Таърихи Балъамӣ» (тарҷимаи «Таърихи Табарӣ») ва ғайра чунон соддаанд, ки ҳатто хонанда саҷъ будани онро пай ҳам намебарад.

Ба ҳамин тариқ, «Сафарнома»-и Носири Хусравро танҳо асари илмӣ шумурдан ва онро аз ҷумлаи асарҳои адабии бадеӣ хориҷ намудан ба ҳақиқат мувофиқат намекунад. Тадқиқу чопи ин асари шавқовару дилписанд бисо заруp аст, чунки он аз як тараф манбаи муҳимми илмӣ бошад, аз тарафи дигар, имрӯз ҳам ба хонандагони тоҷик завқи баланди эстетикӣ мебахшад.

**Раҳими ҚУБОДИЁНИ,**
**аспиранти Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин.**

„Комсомоли Тоҷикистон"
№8 (4475), чоршанбе 19 январи 1966, саҳ. 3